# 1074 - Ҳукми қасам ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)

## савол

Бисёре аз мардумонро мешунавам, ки вақте мехоҳанд чизеро таъкид кунанд, мегӯянд: "Қасам ба паёмбар". Оё ин кор ҷоиз аст?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин қасам ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст ва ин амал ҳаром ва як навъ ширк мебошад, зеро қасам ба чизе ин бузургдошти ҳамон чиз аст ва махлуқ наметавонад дигар махлуқро бузургдорӣ (бузургдории ибодат) намояд. Ба ҳамин хотир, паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе, ки ба ғайри Аллоҳ (ба чизи дигар) қасам бихӯрад, пас дар ҳақиқат куфр ё ширк варзидааст».** Саҳеҳ, ривояти Аҳмад (2/125), Абудовуд (3251) ва Тирмизӣ (1535).

Ин қасам ба паёмбарон, фариштагон, солеҳон ва дигар махлуқотро дарбар мегирад.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Касе қасам хӯрданӣ бошад, пас бояд ба Аллоҳ қасам бихӯрад ва ё хомӯш истад».** Ривояти Бухорӣ (4860, Фатҳу-л-борӣ: 8/611), (6107, Фатҳу-л-борӣ: 10/516), Муслим (1647), Аҳмад (2/309), Абудовуд (3247), Насоӣ (3775), Тирмизӣ (1545) ва Ибни Моҷа (2096).

Аммо дар мавриди қасамҳое, ки дар Қуръон ворид шудааст, аз қабили қасам ба "Ал-Мулсалот" (бодҳо), "Аззориёт" (бодҳои хокафшон), "Аннозиъот" (фариштагоне, ки ҷонҳои кофиронро мегиранд), "Ал-Фаҷр" (субҳ), "Ал-Аср" (замона), "Аззуҳо" (чоштгоҳ), ҷойгоҳи ситорагон ва ғайра, инҳо қасамҳоест, ки Аллоҳ таъоло ба он савганд ёд кардааст. Аллоҳ ҳақ дорад, ба ҳар махлуқе, ки бихоҳад, қасам бихӯрад, аммо махлуқ ҳақ надорад, ки ҷуз ба Парвардигори худ ба чизи дигаре қасам бихӯрад.